# TAJIK STATE UNIVERSITY OF COMMERCE

**Course:** **Main directions for the development of human capital in the context of the digital economy in the Republic of Tajikistan**

## Week: 4.

## THE ROLE OF HUMAN CAPITAL IN THE SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF THE MODERN ECONOMY

**Rustamzoda Fitrat Muzafar**

***Lecturer of:*** The role of human capital in the sustainable development of the modern economy

# Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**Номи курс: Самтҳои асосии рушди сармояи инсонӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**




## Мавзӯъи: 4
## Нақши сармояи инсонӣ дар рушди идоранамоии иқтисодиёти муосир

*Рустамзода Фитрат Музафар*

# НАҚШАИ ЛЕКСИЯ

## 1. Муқаддима

4.1. Аҳамияти сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти муосир

4.2. Нақши сармояи инсонӣ дар идоракунии иқтисодиёт дар шароити муосир

4.3. Омилҳои таъсиргузор ба ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ

## 2. Хулоса

Ҷамъбасти мавзуъ.

## Мақсади лексия:

Идоранамоии иқтисодиёти муосир, рушди сармояи инсонӣ, ташаккулёбӣ, нақши сармояи инсонӣ дар иқтисодиёт, иқтисодиёти инноватсионӣ, саҳми сармояи инсонӣ дар баланд бардоштани он ва омилҳои таъсиргузор дар шароити муосир.

# Аҳамияти сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти муосир

Дар шароити муосир ва рушди бемайлони бозори ҷаҳонӣ, рақобатпазирӣ, устувории ташаккул ва рушди стратегии ин ва ё он мамлакат ва ё ташкилоту корхонаҳо аз техникаву технологияи муосир ва сарватҳои табиӣ вобастагӣ кам дошта, инчуни аз бавуҷудоии қобилиятҳои баланди касбӣ, соҳибистеъдоду неруманд, ки ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ мебошанд, вобастагии калонро доро мебошанд.

# Аҳамияти сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти муосир

Ташаккулёби ва рушди иқтисодиёти мамлакатҳо ва беҳтар гардидани вазъи молиявии корхонаҳои ватанию хориҷӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки «сармояи инсонӣ» яке аз захираҳои асосӣ ва пешбарандаи корхонаҳои байналмилалию ватанӣ буда, ҳама гуна муваффақиятҳо, навовариҳо дар истеҳсолоти мол, савдо, техникаву технология, ки бевосита самараи рушди сармояи инсонӣ як ё якчанд нафар шахсоне, ки дорои қобилиятҳои баланди касбӣ мебошанд, кашфнамуда шуморида мешавад.

# Аҳамияти сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти муосир

Дар шароити нави иқтисодӣ фаъолият намудан ва рушди бозори ҷаҳонии меҳнат аз ҳама тақозои онро дорад, ки муносибатҳои навини истеҳсоливу тиҷоратӣ хизматрасониҳои байни одамон куллан тағйир ёфта, онҳо бояд хислати ҳамгироиро аз худ намоянд.

# Аҳамияти сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти муосир

Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисод ва рушди босуръати технология, нақш ва аҳамияти сармояи инсонӣ ҳамчун яке аз омили асосии рушди устувори иқтисодӣ ва иҷтимоӣ зиёд мегардад. Дар солҳои гузашта сармоя бештар бо захираҳои моддӣ ва молиявӣ рабт дода мешуд, имрӯзҳо бошад рушди мутахассисони баландихтисоси касбӣ, саломатии аҳолӣ, донишу малака ва сатҳи маориф муҳимтарин унсури пешрафт ба шумор меравад.

# Аҳамияти сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти муосир

Дар аксари таҳқиқотҳои илмӣ олимони ватанию хориҷӣ вобаста ба мафҳуми сармояи инсонӣ таърифҳои зиёде пешкаш намудаанд. Сармояи инсонӣ маҷмӯи дониш, малака, қобилият, таҷриба, солимии ҷисмонӣ ва рӯҳии инсон мебошад, ки метавонад дар раванди истеҳсолот ва фаъолияти иқтисодӣ самаранок истифода шавад.

# Аҳамияти сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти муосир

Аз рӯи таърифи иқтисоддон Т. Шултс ва Г. Беккер, сармояи инсонӣ як намуди сармояест, ки тавассути сармоягузорӣ ба соҳаҳои маориф, тандурустӣ ба вуҷуд меояд ва рушд мекунад.

Дар шароити муосир нақши сармояи инсонӣ дар рушди иқтисодиёт назаррас мебошад:

# Аҳамияти сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти муосир

**1. Истифодаи самаранокии меҳнат** - сармояи инсонӣ бо баланд бардоштани сифати қувваи корӣ, истеҳсолотро самараноктар менамояд. Корманди соҳибтахасус метавонад дар як вақти кӯтоҳ ва бо сифати баланд маҳсулотҳои навтарин истеҳсол намоянд.

# Аҳамияти сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти муосир

**Инноватсия ва рушди технология -** сармояи инсонӣ муҳаррики асосии навовариҳо ва ихтироот ба шумор меравад. Мамлакатҳое, ки ба омӯзиш ва рушди зеҳнии аҳолии худ сармоягузорӣ менамоянд, дар соҳаи технология ва илм пешсаф мегарданд ва дар радабандии рушди сармояи инсонӣ дар байни дигар мамлакатҳо мавқеи намоёнро ишғол менамоянд.

# Аҳамияти сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти муосир

**Кам намудани сатҳи камбизоатӣ ва нобаробарӣ** – дар ҳолати самаранок сармоягузорӣ намудан ба соҳаи маориф ва дастрасии баробар ба имкониятҳои рушди шахсӣ метавонанд нобаробариҳои иқтисодиро коҳиш диҳанд ва сатҳи зиндагии мардумро беҳтару хубтар намоянд.

# Аҳамияти сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти муосир

**Рушди иқтисодиёти дониш -** дар иқтисодиёти муосир, ки асосан ба дониш ва иттилоот асос ёфтааст, сармояи инсонӣ ҳамчун захираи асосии рақобатпазирӣ хизмат менамояд.

## Аҳамияти сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти муосир

Дар шароити муосир идора намудани ҳар як инсон тавассути дониш, истеъдод, малакаву маҳорати касбӣ, навоварӣ ва дигар қобилиятҳои эъҷодии ӯ вобастагӣ дорад. Чунин қобилиятҳо дар шароити имрӯза аз институтҳое, манша мегирад, ки шахс дар он ҷо солҳои тулонӣ таълим ва тарбия гирифтааст.

# Аҳамияти сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти муосир

Омода намудани чунин шахсон дар шароити имрӯза хароҷоти зиёди моддиро талаб менамояд ва дар сурати дуруст ва самаранок сармоягузорӣ намудан метавонанд натиҷаи хуброба даст оваранд. Дар таҳқиқоти зиёди гузаронидаи олимони соҳаи иқтисод, сармоягузорӣ ба захираҳои инсонӣ ин як имконияти хубе шуморида мешавад, ки дар оянда барои ноил гардидан натиҷаҳҳои назаррас оварда мерасонад.

# Аҳамияти сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти муосир

Қайд намудан зарур аст, ки баъди таҳқиқотҳои зиёд дар ин соҳа, олимони машҳури соҳа А.А. Федченко ва С.М. Полухина чунин мафҳумро пешкаш намуданд: «Яке аз омилҳои асосии воридашавӣ ба иқтисодиёт ин маблағгузорӣ ба рушди сармояи инсонӣ дониста мешавад. Дар робита ба ин барои бадаст овардани натиҷаҳои судманд мо пеш аз ҳама диққати аввалиндараҷаро барои омода намудани мутахассисони баландихтисос дар асоси технологияҳои муосир роҳандозӣ намоем»[1].

1.Федченко А.А., Полухина С.М. Оценка влияния человеческого капитала на уровень средней заработной платы в регионе/А.А. Федченко, С.М. Полухина //Современные проблемы экономики и менеджмента /матер. межд. науч. прак. конфер. (г. Воронеж 28. 10. 2016 г.). – Воронеж, 2016. – С.311.

# Аҳамияти сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти муосир

Дар замони ҳозира ташаккул ва рушди захираҳои инсонӣ дар идоракунии иқтисодиёти муосир чорабиниҳо ва стратегияву барномаҳои махсусро барои рушди сармояи инсонӣ тақозо менамояд. Рушд ва инкишофи захираҳои инсонӣ дар шароити иқтисодиёти ҳозира аз усулҳо ва воситаҳои рушддиҳии захираҳои инсонӣ манша мегирад.

# Аҳамияти сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти муосир

Рушди консепсияи сармояи инсонӣ дар асарҳои асосгузорони назарияи классикии иқтисодӣ В.Петти, А.Смит, Д.Рикардо пешниҳод гардида, онҳо сармояи асосии истеҳсолоти ҷамъиятиро мавриди омӯзиш қарор додаанд ва доир ба аҳамияти қувваи корӣ, қобилияти инсон, таҳсилоти он дар афзоишёбӣ ва рушди иқтисодиёти давлат ва аҳолии он фикру ақидаҳои хешро пешниҳод намудаанд.

# Аҳамияти сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти муосир

Аввалин мафҳумро В. Петти оид ба гурӯҳи «қувваҳои фаъоли ҷомеаи инсонӣ»[1] дар илм истифода намуда, таҳқиқҳоро оид ба сармояи инсонӣ ва идоранамоии он анҷом додааст. Яъне сармояи инсонӣ сармояест, ки воситаи асосии истеҳсолот маҳсуб ёфта, инчунин ташкилкунанда ва идоракунандаи давлат ба ҳисоб меравад.

1. Петти В. Экономические
и статистические работы.
– М.: Соцэкгиз, 1940. – 324 с.

# Аҳамияти сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти муосир

А.Смит бошад, қисми зиёди умри хешро дар таҳқиқ ва рушду инкишофёбии сармояи асосии истеҳсолот бахшидааст ва нақши асосиро ба тавоноии дониши касбии инсонӣ дар робита бо омилҳои моддии истеҳсолот таъкид кардааст. Ба андешаи ӯ, «Баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат асосан ба малакаи касбӣ ва донишу маҳорати касбии корманд ва баъдан ба таъмини мошину таҷҳизоте, ки ӯ кор мекунад, вобаста аст»[1].

1.Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов. – М.: Соцэкгиз, 1956. - С.490

## Аҳамияти сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти муосир

Дар асарҳои илмии олимони иқтисодшинос К.Маркс, Г.Беккер ва И.Фишер мафҳуми «сармояи инсонӣ» дар баробари омилҳои дигари истеҳсолот, замин, молия ва бонк таҳқиқ гардида, то андозе мавқеи хешро пайдо намуданд.

# Аҳамияти сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти муосир

Асосгузори назарияи ҷомеаи сотсиалистӣ К. Маркс дар корҳои зиёди илмии худ оид ба масъалаҳои накши «сармояи инсонӣ» дар рушди иқтисодии ҷомеа таҳқиқот намудааст. Аввалин назарияҳоро оид ба меҳнат ҳамчун категорияи иқтисодӣ, нақш ва аҳамияти меҳнат дар ҷараёни истеҳсолот ва бахусус «умумияти қобилияти ҷисмонӣ ва маънавии кормандон, ки дар раванди истеҳсолот истифода мешаванд»[1] аз тарафи ин олими машҳур таҳқиқ шудааст.

1. Антология экономической классики.

Т. 1 – М.: 1993. – С.310.

# Аҳамияти сармояи инсонӣ дар иктисодиёти муосир

Ӯ муҳиммияти дониши инсонро дар чараёни истеҳсолот аз нуктаи назари илмӣ исбот намуда, барои ташаккули қувваҳои меҳнатӣ сармоягузориҳои калонро пешниҳод намуд.

Дар рушди назарияи муосири сармояи инсонӣ ҷойгоҳи муайянро ақидаи олимони хориҷӣ, чун Т Шулс, Г Беккер, Л. Туроу, И. Фишер ва С.Форсут ишғол менамоянд, ки барои рушд ва ташаккули сармояи инсонӣ барои олимони иқтисодии замони муосир заминаи муайян гузошта истодааст.

## Аҳамияти сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти муосир

Дар илми иқтисодӣ сармояи инсонӣ ҳамеша мавқеи аввалро ишғол менамояд. Яъне, бо хислатҳои эъҷодӣ, қобилият ва қувваҳое, ки бо ёрии он худ ва атрофиёнро такмил медиҳад.

Асосгузори назарияи муосири сармояи инсонӣ ва идораи самаранокии он дорандагони ҷоизаи нобелӣ дар солҳои 1979 ва 1992 олимони иқтисоддони амрикоӣ Т Шулс, Г. Беккер ва И Фишер дониста мешаванд.

# Аҳамияти сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти муосир

Онҳо аввалин шуда, ин сармояи асосии истеҳсолоти ҷамъиятиро мавриди омӯзиш қарор доданд ва оид ба аҳамияти қувваи корӣ, қобилияти инсон, таҳсилоти он дар афзоишёбӣ ва рушди иқтисодиёти давлат ва аҳолии он ақидаҳои хешро иброз намуданд, ки то ҳол арзиши баланди хешро гум накардаанд.

# Аҳамияти сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти муосир

Т.Шулс, Г.Беккер ва И.Фишер мафҳуми сармояи инсониро дар назарияи иқтисодӣ, пеш аз ҳама, ҳамчун ченаки қобилияти ба даст овардани даромаде, ки дар шахс таҷассум ёфтааст, баррасӣ намуда, баъдан муайян намуданд, ки кадом хислатҳои инсон онро таъмин менамояд (сармоя «инсон» аст, зеро он аз шахс ҷудонашаванда аст).

# Аҳамияти сармояи инсонӣ дар иктисодиёти муосир

Ба ақидаи ин олимон, сармояи инсонӣ аз истеъдоди фитрӣ, нерӯи ҷисмонӣ ва саломатӣ, инчунин дониш, таҷриба, малака ва тахассуси дар тӯли ҳаёт ҳосилшуда иборат аст.

Дар мафҳуми васеъ сармояи инсонӣ тавассути сармоягузорӣ (дарозмуҳлати сармоягузорӣ) барои ҳар як шахси муайян дар намуди хароҷот барои таҳсили дар боғчаву мактаби миёна, мактаби олӣ, варзишу тандурустӣ, бозомӯзӣ ва омода намудани корманд дар корхона, инчунин тарбияи ватандӯстиву касбият ба даст оварда мешавад.

# Аҳамияти сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти муосир

Дар таркиби маҷмӯи сармоя, сармояи инсониро метавон ҳамчун унсурҳои он муаррифӣ намуд, яъне сохти дохилии хешро доро мебошад.




**Расми 1. Хусусиятҳои асосии сармояи инсонӣ**

***Сарчашма: аз ҷониби таҳияи муаллиф дар асоси таҳқиқоти илмӣ таҳия гардидааст.***

# Аҳамияти сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти муосир

Дар шароити иқтисодиёти муосир сармояи инсонӣ яке аз сарчашмаҳои асосии рушди босубот ва рақобатпазирии мамлакат арзёбӣ гардида. Таваҷҷуҳи доимӣ ба рушди инсон тавассути маориф, тандурустӣ ва ташаккули муҳити мусоид барои инкишофи шахсӣ метавонад заминаи устувори пешрафти иқтисодӣ ва иҷтимоиро фароҳам оварад. Мамлакате, ки ба сармояи инсонӣ диққати аввалиндараҷаро равона менамояд, дар байни мамлакатҳои тараққикарад мавқеи асосииро касб менамояд.

# Накши сармояи инсонӣ дар идоракунии иктисодиёт дар шароити муосир

Хусусияти асосии иктисодиёт дар шароити муосир аз идоранамоии истеҳсолоти нававарона ба роҳ монда мешавад ва ин аз дониш ва малакаи баланди касбӣ корманд вобастагии пурраро доро мебошад. Инчунин, таъсири асосии иктисоди инноватсионӣ дар асоси донишҳо ва ташкили роҳҳои навини камхарочот истеҳсол намудани маҳсулоти навин дида мешавад, ки дар тамоми соҳаҳои иктисодиёт истифода бурда мешавад.

# Нақши сармояи инсонӣ дар идоракунии иқтисодиёт дар шароити муосир

Хусусияти асосии иқтисодиёт дар шароити муосир аз идоранамоии истеҳсолоти навоварона ба роҳ монда мешавад ва ин аз дониш ва малакаи баланди касбӣии корманд вобастагии пурраро доро мебошад. Инчунин, таъсири асосии иқтисоди инноватсионӣ дар асоси донишҳо ва ташкили роҳҳои навини камхароҷот истеҳсол намудани маҳсулоти навин дида мешавад, ки дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт истифода бурда мешавад.

## Нақши сармояи инсонӣ дар идоракунии иқтисодиёт дар шароити муосир

Сармояи инсонӣ нерӯ ё қувваест, ки баҳри рушди иқтисодиёти миллӣ ва татбиқи стратегия нақши калидиро доро мебошад.

Сармояи инсонӣ захираи асосии истеҳсолии дар ихтиёри корхона буда, барои афзун намудани дороиҳо ва таъмини фаъолияти самарабахш хизмат менамояд. Сармояи инсонӣ маҷмӯи донишу салоҳиятҳо, сифатҳою арзишҳо, истеъдоду қобилиятҳое, ки дороию сарватмандии инсонро метавонад дучанд намояд, агар онҳоро баҳри манфиатбахши ҷомеа ва тафаккури шахсӣ сафарбар гардида бошад.

# Нақши сармояи инсонӣ дар идоракунии иқтисодиёт дар шароити муосир

Ба андешаи мо, мафҳуми сармояи инсонӣ бештар дар ҷомеае рушд мекунад, ки дар он аҳолӣ малакаву маҳорат ва донишҳои васеъро доро бошанд. Сармояи инсонӣ метавонад ташаккул, такмил ва ба ҷомеа таъсиргузор бошад, агар нерӯи солиму созанда ва моликияти ақлониву иқтидори зеҳниро ба худ ҷалб намуда бошад.

Ҳангоми таҳқиқот ба хулосае омадем, ки асос ва сарчашмаи ҳама пирӯзиҳову муваффақиятҳо дар замири сармояи инсонӣ ва бахусус истифодаи мақсадноки он хобидааст.

# Нақши сармояи инсонӣ дар идоракунии иқтисодиёт дар шароити муосир

Маҳз инсони муҷаҳҳаз ба нерӯву тавонмандӣ ва салоҳиятноку офаранда ҳамчун сармояи инсонӣ дастаҷамъона дар ҳалли дилхоҳ мушкилот қодир аст.

О.Тоффлер бошад, низоми нави ба даст овардани сарватро бо истифода аз қувваи ҷисмонӣ не, балки қобилиятҳои равониро муҳимтарин дастоварди тараққиёти иқтисодиёти ҷамъият медонад. Ӯ мафҳуми «сармояи рамзӣ» - ро дар адабиёт ворид намуда, ба воситаи он донишро ҳамчун захираи тамомнашаванда ва дастрас будани он барои шумораи истифодабарандагон шарҳ додааст.

## Нақши сармояи инсонӣ дар идоракунии иқтисодиёт дар шароити муосир

О.Тоффлер бошад, низоми нави ба даст овардани сарватро бо истифода аз қувваи ҷисмонӣ не, балки қобилиятҳои равониро муҳимтарин дастоварди тараққиёти иқтисодиёти ҷамъият медонад. Ӯ мафҳуми «сармояи рамзӣ» - ро дар адабиёт ворид намуда, ба воситаи он донишро ҳамчун захираи тамомнашаванда ва дастрас будани он барои шумораи истифодабарандагон шарҳ додааст.

# Нақши сармояи инсонӣ дар идоракунии иқтисодиёт дар шароити муосир

Ҳамин тавр, дар як давраи начандон тӯлонӣ омили инсонӣ дар таҳлилҳои иқтисодӣ то дараҷае рушд ёфта, мафҳумҳои захираи меҳнатӣ, қувваи корӣ, захираҳои инсонӣ, захираҳои башарӣ, нерӯи корӣ, нерӯи инсонӣ, сармояи зеҳнӣ, сармояи эҷодӣ, инсони ҳушманд, инсони рақамӣ, моликияти зеҳнӣ пайдо шудааст ва то ҳанӯз ин мафҳум дар ҳоли ташаккулу такмил қарор дошта, нуқтаи назари ягона муқаррар нагардидааст.

# Нақши сармояи инсонӣ дар идоракунии иқтисодиёт дар шароити муосир

Аз ин лиҳоз, ба андешаи мо, сармояи инсонӣ бояд ҳамеша дар ҷомеа мавқею манзалати арзишмандро соҳиб бошад ва дар ташаккули инсон ва рушди касбияти он чӣ қадар сармоягузорӣ ва таваҷҷӯҳ зиёд бошад ҳам, он ҳоло кам аст.

# Нақши сармояи инсонӣ дар идоракунии иқтисодиёт дар шароити муосир

Тамоюли афзоиши харочот ба соҳаи маориф аз охири асри 19 маншаъ гирифта, ба ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон таъсири худро расонид. Рушди сармояи инсонӣ, баланд гардидани нақши дониш, малака, маҳорат ва қобилият дар иқтисодиёт, динамикаи рушди иқтисодиро куллан тағйир дод. Барои дар оянда натиҷаҳои дилхоҳро ба даст овардан, давлат кушиш менамуд, ки барои рушди сармояи инсонӣ аз барномаву консепсияҳои гуногун истифода намояд. Дар ин замина давлат кӯшиш менамуд, ки барои рушди сармояи инсонӣ якчанд барномаву консепсияҳоро амалӣ намояд, то дар оянда ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил гардад.

# Нақши сармояи инсонӣ дар идоракунии иқтисодиёт дар шароити муосир

Ҳангоми таҳқиқот ва омӯхтани махзанҳои илмӣ мо тасмим гирифтаем, ки таҳаввулоти сармояи инсониро дар шакли зерин даврабандӣ намоем.




Расми 1. Таҳаввулоти таърихии сармояи инсонӣ

Сарчашма аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

# Нақши сармояи инсонӣ дар идоракунии иқтисодиёт дар шароити муосир

Мо, дар таҳқиқоти хеш вобаста ба марҳилаҳои ташаккули рушди сармояи инсонӣ, ки чи гуна дар ҳар марҳила рушд менамоянд баён намудем. Метавон қайд намуд, ки дар марҳилаи аввал диққати аввалия ба қувваи истеҳсолӣ равона карда шудааст. Ибтидои асри XX таваҷҷӯҳ бештар ба иқтидори меҳнат равона гардида буд, зеро аксарияти маҳсулотҳои истеҳсолгардида тавассути ташаккули илмии меҳнат сарчашма мегирифт.

## Омилҳои таъсиргузор ба ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ

Баъдан дар ҳамин аср боз омили дигар ин захираҳои меҳнатӣ ба вуҷуд омад, ки бояд барои сифатан иҷро намудани корҳо захираҳои меҳнатӣ мавҷуд бошанд.

Оғози асри XXI ва давраи он таввачӯҳи аввалия ба нерӯи инсонӣ ва инсони рақамӣ дода шудааст, ки имрӯзҳо тамоми фаъолияти соҳаҳо тавассути рақамикунонӣ ва омода намудани кадрҳои баландихтисос сурат гирифта истодааст. Оғози асри XXII бошад, аллакай тамоми соҳаҳои ҳаётан муҳими ҷомеа тавассути технологияҳои зеҳнӣ идора карда мешаванд ва дар ин марҳила тамоман ба қувваи меҳнатӣ дигар талабот ва тавaҷҷӯҳ зоҳир карда намешавад, зеро тамоми идораи фаъолияти кори инсонҳо тавассути технологияҳо ба роҳ монда мешаванд.

# Омилҳои таъсиргузор ба ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ




Расми 1. Омилҳои таъсиргузор ба ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ

Сарчашма таҳияи муаллиф

## Омилҳои таъсиргузор ба ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ

Мамлакатҳое, ки бештар таваҷҷӯҳро ба рушди сармояи инсонӣ равона намудаанд, тавонистанд мизони ММД-и худро миқдоре боло баранд ва аз мавҷҳои бесуботии иқтисодӣ худро ҳифз намоянд.

Марҳилаҳои рушди сармояи инсонӣ ба таври зайл баён гардидааст. Дар таҳқиқоти хеш мо ҳар як марҳиларо ба таври зерин шарҳ додаем.

Дар шароити муосир се марҳилаи рушди сармояи инсонӣ мавҷуд мебошад.

Марҳилаи анъанавӣ то асри XVIII

Марҳилаи омӯзиши оммавӣ (асри XIX – аввали асри XX)

Марҳилаи баъди саноатӣ (аз миёнаҳои асри 20 то имрӯз)

# Омилҳои таъсиргузор ба ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ

Марҳилаи анъанавӣ (то асри 18) бо шакли якхелаи назарраси сармояи инсонии оммавӣ тавсиф мешавад; арзишҳо ва салоҳиятҳо ҳангоми ичрои нақшаҳои ичтимоӣ ва истеҳсолӣ ташаккул меёбанд. Давлат танҳо барои ташаккул ёфтани арзишҳо - тавассути динҳои ҳукмрон дар кишвар сармоягузорӣ менамуд. Чун қоида коргарони оммавӣ зиёд буданд ва ғамхорӣ нисбати ҳар яки онҳо вучуд надошт (ба ғайр аз базе ҳолатҳо, дар ҳолате, ки сармояи инсонӣ бисёр ангуштшумор гардид, он гоҳ низоми коргарони воридотӣ мачбурӣ инкишоф меёфт). Таҳсил як имтиёзи иловагӣ башумор мерафт барои оммаи васеи аҳолӣ онқадар муҳим арзиш надошт.

# Омилҳои таъсиргузор ба ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ

Дар нимаи аввали асри 20-ум вазифаи якуми инқилоби саноатӣ пеш аз ҳама баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат арзёбӣ мегардид ва омилҳои нави рушди иқтисодӣ ба монанди илм, таҳсилоти умумӣ ва бавуҷуд омадани таҳсилоти олӣ, ки боиси ташаккули ҷомеаи иқтисодӣ гардид. Ин марҳила дар рушд ва тағйирёбии сармояи инсонӣ нақши муассир гузошт.

- Ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ, дониш ва технологияҳои нав дар саноат;
- Аз меҳнати дастӣ дасткашидан ва истеҳсол намудани маҳсулот тавассути технологияҳо ба амал омад, ки ин зарурати баланд бардоштани дараҷаи сармояи инсониро ба вуҷуд овард;
- Рушди илму маориф;

# Омилҳои таъсиргузор ба ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ

- Сармоягузории бештар ба соҳаи илму маориф ва таъсиси институтҳои илмӣ ва тадқиқоти боиси бо суръати баланд рушд намудани сармояи инсонӣ гардид[1].

Дар марҳилаи омӯзиши оммавӣ (асри XIX - нимаи аввали асри XX) дар баробари сармояи молиявӣ, технология ва сарватҳои табиӣ коргари сохибихтисос ба захираи махдуд табдил меёфт. Мамлакатҳое, ки барои баланд бардоштани рақобатпазирии миллӣ кӯшиш менамуданд, тамоми харочоти таҳсилоти миёна ва олиро чӣ дар сатҳи минтақа ва маҳал ба пуррагӣ пардохт менамуданд. Дар ин марҳила тафовути сармояи инсонии оммавӣ аз рӯйи сатҳи маълумот ва даромади меҳнатӣ оғоз ёфта буд[2].

1.Запарий В.В., Нефедов С.А. История науки и техники.
– Екатеринбург, 2003. – 285с.
2.Авербух В.М. Шестой технологический уклад
и перспективы России (краткий обзор) //
Вестник Ставропольского государственного
университета. – 2010. – № 71. – С. 34–48.

# ХУЛОСА

Дар марҳилаи дуюми омӯзиши оммавӣ, ки боиси рушди босуръати сармояи инсонӣ равона гардида буд, ба сохторҳои технологии 2-юм, 3-юм ва 4-уми иқтисодиёт такони ҷиддие ба амал овард, ки дар он ҷомеаи пешрафтаи индустриалӣ бо ҳосилнокии баланди меҳнат ба вуҷуд омад. Баъди омӯзиши хусусияти оммавӣ гирифтани муносибатҳои меҳнатӣ насли наве ба вуҷуд омад, ки бо доштани донишҳои баланд ва кашфиётҳои нав дар баланд бардоштани ҳосилноки меҳнат саҳмгузор гардиданд.

# Адабиёт:


1. Федченко А.А., Полухина С.М. Оценка влияния человеческого капитала на уровень средней заработной платы в регионе/А.А. Федченко, С.М. Полухина //Современные проблемы экономики и менеджмента/матер. межд. науч. прак. конфер. (г. Воронеж 28. 10. 2016 г.). – Воронеж, 2016. – С.311.

2. Петти В. Экономические и статистические работы. – М.: Соцэкгиз, 1940. – 324 с.

3. Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов. – Соцэкгиз, 1956. - С.490.

4. Антология экономической классики. Т. 1 – М.: 1993. – С.308.

5. Антология экономической классики. Т. 1 – М.: 1993. – С.310.

6. Запарий В.В., Нефедов С.А. История науки и техники. – Екатеринбург, 2003. – 285с.

7. Авербух В.М. Шестой технологический уклад и перспективы России (краткий обзор) //Вестник Ставропольского государственного университета. – 2010. – № 71. – С. 34–48.